Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ИНФОРМАТИКА
# ВА
# ТЕХНОЛОГИЯҲОИ АХБОР

*Вазорати таълими халқи*
*Республикаи Ўзбекистон тасдиқ намудааст*

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои
6-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

Нашри сеюми аз нав коркарда ва такмилшуда



ТОШКАНД – «O‘ZBEKISTON» – 2017

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

УЎК 004(075)
КБК 32.81я72
I-74

Гурӯҳи муаллифон:

Б. Болтаев, М. Маҳкамов,

А. Азаматов, С. Раҳмонқулова

Муқарризон:

**Ф.М. Зокирова** – профессори Донишгоҳи технологияҳои ахбори Тошканд, доктори илмҳои педагогика;
**Х. Комилова** – муаллимаи фанни информатикаи мактаби таълими миёнаи умумии рақами 254-уми ноҳияи Шайҳонтоҳури шаҳри Тошканд.

## Аломатҳои шартӣ:

 – *савол ва супоришҳо*

 – *машқҳо*

 – *вазифаи хонагӣ*

Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика бадои иҷора чоп шудааст.

ISBN 978-9943-01-445-9

© Б. Болтаев ва дигарон, 2009, 2013, 2017
© ХЭТН «O‘ZBEKISTON», 2009, 2013, 2017

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУҚАДДИМА

*«Фарзандонамон нисбат ба мо донишманд, боақл, доно ва албатта, хушбахт бояд бошанд».*

***И.А. Каримов***

Донишомӯзони азиз! Шумо бо кӯмаки китоби дарсии «Информатика ва технологияҳои ахбор»-и синфи 5-ум соҳиби малака ва маҳорати аввалин оид ба истифодабарии яке аз воситаҳои технологияи замонавии ахбор – компутер шудед. Ҳамчунин, маълумот ҳосил кардед, ки компутер воситаи таълимдиҳӣ, ҳисобу китоб, тасвир, таҳрир, истироҳат ва кор бо ахбор аст.

Бо технологияҳои замонавии иттилоотӣ (ахбор) кор бурда тавонистан, барои насли наврас зарур мебошад. Аз ин сабаб дар дарси «Информатика»-и синфи 6 ба Шумо донишҳои шавқовар ва аёнӣ оид ба вазифаҳо ва имкониятҳои барномавии кор бо матн, ки яке аз таъминоти барномаи компютерҳои замонавӣ ба ҳисоб меравад, дода мешавад.

Бо кӯмаки китоби дарсии мазкур тахия ва тайёр кардани матнро меомӯзед, ҳангоми машғулиятҳои амалӣ дар компютер метавонед онро таҳрир намоед ва ороиш диҳед.

Ба фикри мо, фани «Информатика ва технологияҳои ахбор» на танҳо кӯмакрасони доимӣ ва воситаи сабукгардонии коратон аст, балки дар ичрои корҳои амалӣ ва фатҳи қуллаҳои нав ба нав хизматрасон ҳам мегардад.

Донишомӯзони гиромӣ! Мо боварӣ дорем, ки китоби дарсии мазкур ба Шумо дар ҷустуҷӯ ва тадқиқотҳо бо ёрии компютер ёрӣ мерасонад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Дарси 1
# МУҲАРРИРОНИ МАТН

**Донишомӯзони азиз!** Шумоён дар синфи 5 бо клавиатура ва навиштани матн бо ёрии он шинос шудед. Фикр мекунем, ки ба саволи хат барои чӣ зарур аст, ҷавоби шумоён тайёр. Дар дарси мазкур сухан дар бораи вазифаҳо ва имкониятҳои истифодабарии техникаи компютерӣ меравад. Дар хотир доред, ки қисми корбарии барнома дар экран ва имконияти истифодабарии он, **интерфейси** он номида мешавад.

*Калимаҳои асосӣ:* **хат, муҳаррирони матн, протссесорҳои матн.**

## АЗ ТАЪРИХИ ХАТ

Аз таърих маълум аст, ки усули аз ҳама қадимаи маҳфуз доштани ахбор хат мебошад. Мисоли равшани он расмҳо ва навиштаҷоти деворҳои ғорҳо мебошад, ки дар онҳо одамони қадима ҳаёт ба сар бурдаанд. Дар тӯли бисёр асрҳо технологияи санъати хаттӣ тағйир наёфта, танҳо воситаи хатнависӣ такмил ёфтааст.

| | | | |
|---|---|---|---|
|  |  |  |  |
| Девори сангӣ | Сангҳо | Пӯстҳо | Папирус |
|  |  |  |  |
| Коғаз ва пар | Коғаз ва перо | Коғаз ва ручка | Мошини хатнависӣ |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Расм ва матни бо усули болоӣ тайёршударо тағйир додан зарур шуд: чӣ кор кардан мумкин, чӣ қадар вақту меҳнат сарф мегардад, харочот чӣ қадар мешавад?

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУҲАРРИРОНИ МАТН

Пайдошавии компютерҳо ва истифодабарии технологияи онҳо санъати хатнависиро ба куллӣ тағйир дод. Барои сабту ҳифз, азнавкоркард ва чопи матнҳо ба коғаз бисёр барномаҳо таҳия шудаанд. Ҳамаи онҳо ба **ду навъ** тақсим мешаванд: муҳаррирони матн ва протсессорҳои матн.




Масалан, китоби дарсии мазкур, ки дар эътибори Шумо аст, дар протсессори матн таҳия шуда, **расм**ҳо, **чадвал**ҳо, **ранг**ҳо ва дигар **ороиш**ҳо истифода шудаанд. Ба русумҳои гуногуни компютерҳо муҳаррирони матни гуногун пешбинӣ шудаанд. Дар компютерҳои навъи якхела даҳҳо муҳаррирони матн мавҷуданд. Масалан, **Bloknot, WordPad** ва ғ., ки ба системаи оператсионии Windows шомиланд. Дар хотир доред, ки муҳаррирони матни **Bloknot, WordPad** чун **Paint** ё **Калькулятор**, ки дар синфи 5 омӯхта будед, ба кор андохта мешавад.

Ҳарчанд ном, шакли зоҳирии муҳаррирони матн гуногун бошанд ҳам, чараёни кори онҳо асосан якхелаанд. Элементҳои асосии муҳаррирони матн – **майдони корӣ**, **курсор** ва **меню** аст, ки дар расми поёнӣ нишон дода шудааст.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Майдони корӣ.*** Муҳаррири матн ҷойи махсуси «майдони корӣ»-ро ҷудо мекунад. Майдони корӣ саҳифа барои навиштани матн аст. Матни воридшаванда дар майдони корӣ инъикос меёбад.

***Курсор.*** Мавқеи майдони кориро, ки ба он аломати аз клавиатура воридшаванда гузаронида мешавад, нишон медиҳад. Курсор одатан дар намуди хатчаи горизонталӣ ва вертикалӣ аст.

***Сатри меню.*** Маҷмӯи фармонҳои махсус ё ҳаракатҳо **меню** номида мешавад. Бо кӯмаки онҳо мутолиаи матн аз хотира, сабти матн, хотира, чоп барин амалҳо иҷро мешаванд.

Муҳаррирони матн асосан бо меню аз якдигар фарқ мекунанд. Фармон ва ҳаракатҳои меню имконияти муҳаррирони матниро муайян месозад. Ҳар чӣ қадаре, ки онҳо зиёд бошанд, имконияти муҳаррири матн ҳамон қадар бештар аст.

Тамоми муҳаррирони матн вазифаҳои зерини асосиро ба иҷро мерасонанд:

1. Ҳосил кардани файл барои навиштани матн →
2. Хондани матн аз хотира →
3. Нигоҳ доштани матн дар хотира (дар дигар ном, папкаи дигар) →
4. Чоп кардани матн →




5. Таҳрири матн (иваз кардан ё ки маҳв сохтани нишонҳо, калимаҳо, сатрҳо, сархатҳо абзатсҳо)

**Ҳангоми кор бо муҳаррири матн ё ки протсcесор истилоҳоти зеринро донистан лозим:**

**Шрифт** (немисӣ) – ҳарфҳои алифбо (масалан лотинӣ, кириллӣ, арабӣ, юнонӣ ва ғайра), рақамҳо ва нишонаҳои гуногун

Ба хосиятҳои фарқкунандаи ҳуруфҳо инҳоро мисол кардан мумкин:

| Намуди шрифт | Аксёбӣ дар матн |
|---|---|
|  | Намуди шрифт – AGGaramond Cyr<br>Намуди шрифт – Cambia<br>Намуди шрифт – Calibri<br>Намуди шрифт – StandardPosterC<br>Намуди шрифт – MagistralC<br>Намуди шрифт – Tavrida<br>Намуди шрифт – Times New Roman<br>Намуди шрифт – Segoe Print |





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| Шакли навишт (Ба намуди Times New Roman монанд) | Аксёбӣ дар матн |
|---|---|
| обычный<br>*курсив*<br>**полужирный**<br>***полужирный курсив*** | оддӣ (обычный)<br>*курсив (курсив)*<br>**ғафси сиёҳ (полужирный)**<br>***курсиви сиёҳи ғафс (полужирный курсив)*** |

| Андоза | Аксёбӣ дар матн |
|---|---|
| 8<br>9<br>10<br>11<br>12<br>14 | **Андоза – 8**<br>**Андоза– 9**<br>**Андоза – 10**<br>**Андоза – 11**<br>**Андоза – 12**<br>**Андоза – 14** |

Хосиятҳо оид ба шрифт аз менюи **Format** (Формат)-и банди шӯъбаи **шрифт** интихоб мегардад.

## *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*

1. Дар бораи таърихи матннависӣ маълумоти мухтасар диҳед.
2. Барномаи Блокнотро ба кор даоред ва дар бораи интерфейс маълумоти мухтасар нависед.
3. Вазифаҳои асосии муҳаррирони матнро гӯед.
4. Элементҳои асосии муҳаррирони матнро номбар кунед.
5. Мизи кории Windows аз Блокнот бо чӣ фарқ мекунад?
6. Фарқи имкониятҳои муҳаррири матн ва протсессори матн аз чӣ иборат?
7. Дар муҳаррири матн меню кадом вазифаҳоро иҷро мекунад?
8. Вазифаҳои муҳаррири матни Блокнот ва фармонҳои менюи Файлро шарҳ диҳед.
9. Истилоҳи сутуни чапро ба мазмуни сутуни рост мантиқан мутобиқ гардонед:

| | |
|---|---|
| **Сатри меню** | Фармони хондани матн аз хотира |
| **Махфуз доштан** | Саҳифа барои матннависӣ |
| **Соҳаи кор** | Фармони навиштани матн аз хотира |
| **Кушодан** | Дар соҳаи кор ҷойи нишонро акс мекунонад |
| **Курсор** | Маҷмӯи фармон ва амалҳои махсус |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАШҚҲО

1. Чор сатри аввали Гимни Ӯзбекистонро дар муҳаррири матни Блокнот сабт намоед. Матнро бо унвони «Гимни Ватани ман» маҳфуз доред. Намуди шрифти «Cooper» ва андозаи шрифтро дар 16 воҳид интихоб кунед. Файлро ҳифз кунед.
2. Муҳаррири матни Блокнотро ба кор дароред ва файли «Гимни Ватани ман»-ро кушоед. Ба давоми матн нақороти гимни Ватани моро сабт кунед. Аз гурӯҳи Шрифти менюи Формат намуди бароятон мақбулро интихоб кунед. Бартарияти намуди интихобшударо шарҳ диҳед.
3. а) матни зеринро нависед ва бо унвони «Матн» ҳифз кунед; Матн – тарзи навишти мулоҳизаҳои аз нигоҳи мазмун ва грамматика бо ҳам вобаста аст. Калимаҳои ба матн дохилшуда бо тартиби маълум ҷойгир мешаванд.
   б) Барои ба намуди мазкур овардани матн хосиятҳои шрифтро тағйир диҳед.

*Матн – навишти мулоҳизаҳои бо мазмун ва грамматика ба ҳам вобаста аст. Калимаҳои матн бо тартиб ҷойгир мешаванд.*

4. Барои асоснок ҷавоб додан ба саволҳои поёнӣ, матни «Тарҷимаи ҳол»-ро нависед, ки аз панҷ абзатс иборат бошад.
   а) ному насаб, кай ва дар куҷо таваллуд ёфтаед:
   б) ба синфи I кадом сол, ба кадом мактаб баромадаед, истиқоматгоҳатон чӣ гуна аст?
   в) ҳоло дар синфи чанд мехонед, ба кадом фанҳо шавқ доред?
   г) номи падар, кай ва дар куҷо таваллуд шудааст, ҳоло дар куҷо кор мекунад?
   д) номи модар, кай ва дар куҷо таваллуд шудааст, ҳоло дар куҷо кор мекунад?

## Дарси 2
# ИНТЕРФЕЙСИ ПРОТСЕССОРИ МАТНИ MS WORD

Аз дарси забони модарӣ маълум аст, ки аз ҳарфҳо калимаҳо, аз калимаҳо ҷумлаҳо, аз ҷумлаҳо абзатсҳо ва аз абзатсҳо матнҳо ҳосил мегарданд. Калимаҳо аз ҳам бо фосила ҷудо шуда, ҷумлаҳо бо нуқта, савол ва ё хитоб ба анҷом мерасанд, давоми ҷумла ба майдони саҳифа нағунҷад, ба саҳифаи нав баробари ба ҳиҷо тақсим кардан гузаронида мешавад. Абзатсҳо, дар баробари саршавии сатрҳои нав оғоз меёбанд.

*Калимаҳои асосӣ:* **протсессорҳои матн, ҳуҷҷат, формат, шрифт, калима, сатр, сарсатр, матн.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ДАР БОРАИ ПРОТСЕССОРҲОИ МАТН

***Протсессорҳои матн*** дар ҳолатҳое истифода мешаванд, ки на танҳо мазмуни матн, балки намуди зоҳирии он низ аҳамияти калон касб мекунад. Масалан, ба матн ҷойгир кардани расм ва ҷадвалҳои гуногун, тағйири ранг, андоза, шакли аломатҳо ва ғ.

Протсессорҳои матн одатан ҳангоми тайёр намудани ҳуҷҷатҳои расмӣ истифода мешаванд. Матне, ки бо кӯмаки протсессори матн тайёр карда шудааст, ***ҳуҷҷат*** ном дорад.

Дар ҳар гуна протсессорҳои матн барои ороиши матн рамзҳои гуногун истифода мешаванд. Дар чунин маврид гуфта мешавад, ки ҳуҷҷатҳо **андозаҳои** гуногунро моликанд. Бинобар ин, на ҳама вақт имконияти гузаронидани **ҳуҷҷати матнии андозааш** муайяншуда (форматикунонидашуда) аз як протсессор ба дигараш мавҷуд аст.

Фикрҳои болоиро ба эътибор гирифта, усулҳо ва роҳу равиши азнавкоркарди ахборро дар шакли матн дар мисоли протсессори матни **Microsoft Offise Word 2010** (мухтасар **Word**) дида мебароем, ки ба маҷмӯи барномаҳои Microsoft Offise 2010 дахлдор буда, ҳоло яке аз протсессорҳои матнии мукаммал ба ҳисоб меравад. Он баробари ба иҷро расонидани бисёр амалҳо аз дигар протсессорҳои матн фарқ мекунад. Интихоби иҷрои аксар фармонҳо ба Word бо кӯмаки **мушак** амалӣ мешавад.

«Microsoft Word» имконият дорад дар як вақт бо чанд ҳуҷҷат кор барад. Ҳар як ҳуҷҷат дар майдони кории махсуси оина ташкил меёбад, ки ба шумо маълум аст. Андоза ва тартиби ҷойгирсозии оинаро худи истифодабаранда муайян месозад. Алҳол варианти ӯзбекӣ ва тоҷикии протсессори матнии Microsoft Word мавҷуд нест. Аз ин рӯ, баробари фармон ва нишондодҳо ба забони русӣ ифодаи тоҷикии онро дар тарҷума медиҳем.

## БА КОР АНДОХТАНИ БАРНОМАИ MS WORD ВА АНҶОМ ДОАНИ КОР БО ОН

Барномаи MS Word-и маҷмӯи барномаҳои «Microsoft Office 2010»-ро бо се усул ба кор даровардан мумкин аст:

– масъалаҳо дар панел муттаҳид шуда бошанд, бо ёрии пиктограммаи  .

– бо ёрии ёрлиқи  мизи кории Windows;



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– бо ёрии интихоби пайдарҳамии тугмаҳои зерин ба амал баровварда мешавад:

**Пуск → Программы (ё ки Все программы) → Microsoft Office → → Microsoft Office Word 2010**

Барои дар барномаи Word корро бо анҷом расонидан, пиктограммаи ё худ фармони **Выход**, яъне **«Баромад»**-и менюи файл интихоб шуда, клавишҳои Alt + F4 якҷоя пахш мешаванд.

## ИНТЕРФЕЙСИ WORD

Ҳангоми ба кор андохтани MS Word дар экрани интерфейси он (расми поёнӣ) **сатри сарлавҳа** 1, **менюҳо** 2, **тасма** 3, **соҳаи корӣ** 4, **сатри ҳолат** 5 акс меёбад. Дар сатри сарлавҳа номи ҳуҷҷатҳои дар барномаи MS Word фаъол буда, **панели тезкор**, ки тугмаҳои дар фаъолияти корӣ бисёр истифодашавандаро инъикос мекунанд, ҳамчунин 6 тугмаҳои акс меёбанд. Агар бар ҳуҷҷат унвон дода нашуда бошад, дар он сурат дар сатри сарлавҳа (снимок) **Документ1**) яъне **ҳуҷҷат**, акс меёбад.




Дар сатри менюҳо ҳар як **меню** бо **тасмаи** ба худ хос (дар расми болоӣ бо штрих дар дохили чоркунҷа нишон дода шудааст) пайваст аст. **Тасма**ҳо тугмаҳои дар кори протсессори матн ва корбарӣ бо он шароит фароҳамовардаро дар бар мегирад (панели асбобҳои барномаи Paint-ро ба хотир оред). Ҳангоми корҳои амалӣ асосан аз тасмаҳои зерини менюҳо истифода мебаранд: **Fayl** (файл) **Асосӣ** (Главная), **Ҷойгирсозӣ** (Вставка), **Муайянку-**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**нии** саҳифа (Разметка страницы), **Намуд** (Вид). Қисми калони соҳаи кориро дидан зарур оянд, дар ин ҳолат бо кӯмаки 7 тугма тасмаҳоро «ғундоштан» мумкин.

**Тасма**ҳо дар навбати худ дар объекти истифодашаванда, ҳамчунин хоси вазифа аз гурӯҳҳои мантиқии тугмаҳое иборатанд, ки бо **ном** якҷоя карда шудаанд. Масалан, дар расми болоӣ тасмаи менюи **Асосӣ** (Главная) аз гурӯҳҳои мантиқии **Буфер обмена, Шрифт, Абзатс, Стили** ва **Редактирование** иборат аст.

Ҳар як меню дар тайёркунии ҳуҷҷат аҳамияти муҳим дорад. Масалан, бо менюи **Fayl**, ки тасмаро дар самти вертикалӣ акс мекунад, бо ҳуҷҷати корӣ ин амалҳоро иҷро кардан мумкин:




- Маҳфуз доштани (ҳуҷҷати аввала ё ки ҷорӣ);
- Маҳфуз доштан (бо дигар ном ё ки папка);
- Кушодани (ҳуҷҷати мавҷуда);
- Пӯшидани ҳуҷҷати ҷорӣ;
- Маълумотҳо дар бораи ҳуҷҷати ҷорӣ;
- Маротиби охирини (дида баромадани ҳуҷҷатҳо);
- Ҳосилкунии (ҳуҷҷати нав);
- Чопкунии (ҳуҷҷат);
- Маҳфуз доштан ва фиристодани (ҳуҷҷат);
- (Гирифтани) маълумот;
- Параметрҳои (барнома);
- Баромадан (аз ҳуҷҷат).

Ҳангоми истифодаи сатри ҳолат дар бораи саҳифаи ҷорӣ, миқдори тамоми саҳифаҳои ҳуҷҷатҳо, забони навишт ва ғ. маълумот дода мешавад.

## ИСТИЛОҲОТИ АВВАЛИН ОИД БА ҲУҶҶАТ

Дар дарси гузашта бо истилоҳи шрифт шинос шуда будед. Ҳангоми кор бо протсессори матн истилоҳоти зеринро оид ба ҳуҷҷатҳо донистан лозим.

**Калима** – нишонҳо пайи ҳам буда, онҳо аз якдигар бо пробел (фосила), нуқта, вергул, нуқта вергул, ду нуқта, қавс, тире, дефис ва нишони нохунак фарқ мекунанд.

**Сатр** – калимаҳои дар як сатр навишташуда, ҳарфҳо ё аломатҳо аст. Протсесорҳои матн калима ё аломати дар охи-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ри сатр нағунҷидаро бо тарзи автоматӣ ба сатри дигар мекӯчонад.

**Ҳошия** – қисми тозаи канори саҳифа.

**Сарсатр** – сатри аз ҳошия ҷудо кардашуда.




**Абзатс** (немисӣ: ҷудокунии матн) – пайдарҳамии сатрҳои дорои сарсатр. Якчанд калима оид ба як фикр дар намуди абзатс ифода меёбад. Абзатсҳо бо ҷудокунии идоракунанда сабки навишт (услуб, масалан, оддӣ, асосӣ, сарлавҳа), интервал (фосила, фарохии байни сатрҳо) фарқ карданашон мумкин. Барои ба абзатси нав гузаштан ё ки нигоҳ даштани сарабзатс (сатр) тугмаи Enter пахш мегардад.

**Матн** – маҷмӯи сархатҳо

**Фрагмент** (лаҳза), (лотинӣ: порча) – асари санъат, порчаи матн.

**Саҳифа** – як тарафи вараҳи китоб ё ки дафтар. Дар протсессори матн саҳифа ба як коғази чопӣ рост меояд.

**Андоза** – (формат) (лотинӣ: шакл медиҳам) – андоза, шакли хаттӣ, намуди нақша, аниқ кардани фосила (интервал) ё ки дигар намудҳо. Хусусиятҳои шрифти дар боло овардашуда ба андозаи шрифт мисол шуда метавонад.

**Яке аз хосияти муҳиме, ки барномаи Microsoft Word медиҳад, ворисӣ буда, андозаи ҳуруфи баъдина шрифти пешина, абзатси баъдина абзатси аввала, саҳифаи нав саҳифаи авваларо пурра нигоҳ медорад.**

Бо баъзеи ин амалҳои протсессори матн ҳангоми кор бо **Paint** шинос шудаед. Аз ин рӯ, бе ягон душворӣ дар амал истифода ме-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

баред. Дар барномаи **Word** номгузорӣ шуда ҳам, одатан ҳуҷҷат чун барномаи **Paint** дар папкаи **Мои документы** номи мухтасараш **Документы** маҳфуз дошта мешавад.

## *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*

1. Бартарияти протсессори матн аз муҳаррири матн дар чист?
2. Матни протсессори матн, чӣ ном дорад?
3. Усулҳои ба кор даровардани протсессори матнро дар амал нишон диҳед.
4. Дар бораи интерфейси протсессори матни Word маълумоти мухтасар диҳед.
5. Дар сатри сарлавҳаи протсессори матни Word чиҳо акс ёфтаанд?
6. Амалҳои менюи Fayl-и протсессори матни Word-ро шарҳ диҳед.
7. Тасмаҳо дар протсессори матни Word чӣ гуна вазифаро ба иҷро мерасонанд?
8. Аз расми интерфейси «Word» оид ба ҳуруф (шрифт), сатр, абзатс барин истилоҳот мисол оваред.
9. Аз ҳамин китоби дарсӣ дар бораи истилоҳот, аз қабили ҳуруф, калима, сатр, ҳошия, абзатс мисолҳо оваред.
10. Дар бораи хосияти ворисии протсессори матни Word накл кунед.

## *МАШҚҲО*

1. Эзоҳи истилоҳоти сутуни чапро аз сутуни рост ёбед.

| | |
|---|---|
| **Шрифт** | ҷойи холӣ аз ҳудуди саҳифаҳо |
| **Калима** | маҷмӯи абзатсҳо |
| **Сатр** | ҳарфҳои алифбо, рақамҳо, намуди ишораҳои мухталиф |
| **Ҳошия** | пайдарҳамии аломатҳое, ки аз ду тараф бо пробел (фосила) ҷудо карда мешаванд |
| **Сарсатр** | пайдарҳамии сатрҳое, ки сарсатр доранд |
| **Абзатс** | пайдарҳамии калимаҳо, ҳарфҳо ё ки аломатҳое, ки дар як хат навишта мешаванд |
| **Матн** | сатрҳое, ки аз майдон дур шудаанд (гузашта рафтаанд) |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2. Ба ҷойи нуқтаҳо аз сутуни рост ишораҳои дурустро ёфта, гузоред.

| | |
|---|---|
| «Word» бо кӯмаки пиктограммаи ... панели вазифаҳо ба кор даровoрда мешавад |  |
| «Word» бо кӯмаки ёрлиқи ... дар мизи кории «Windows» ба кор андохта мешавад |  |
| Барои анҷом додани кор дар Word пиктограммаи... истифода мегардад |  |

3. а) матни зеринро нависед ва бо унвони «Абзатс» маҳфуз доред:
«Калимаҳо на танҳо бо мавзӯъ, балки бо ғояи асосӣ ҳам якҷоя карда мешаванд. Якчанд калима оиди як фикр дар намуди абзатс ифода меёбад»;
б) ҷумлаи якуми матн аз чанд шрифт ва чанд калима иборат буданашро муайян кунед;
в) барои ба чунин намуд овардани матни поёнӣ хусусияти шрифтро тағйир диҳед:

**Калимаҳо на танҳо бо мавзӯъ, балки бо ғояи асосӣ ҳам якҷоя карда мешаванд. Якчанд калима оиди як фикр дар намуди абзатс ифода меёбад».**

4. Матни панҷабзатсаро бо унвони «Тарҷимаи ҳол», ки дар хона тайёр кардед, ба протсессори матни Word нависед. Бо мафҳуми абзатси забони модарӣ истилоҳи абзатси Word-ро муқоиса кунед. Ҳуҷҷатро бо унвони «Тарҷимаи ҳол» маҳфуз доред.
5. Ба саволҳои поёнӣ ҷавоб дода, ба дафтаратон маълумот нависед.
а) ному насаби бародар, додар, хоҳари калонӣ, хоҳари хурдӣ, онҳо кай ва дар куҷо таваллуд шудаанд, ҳоло дар куҷо кор мекунанд ё таҳсил доранд;
б) баҳоҳояшон аз фанҳо.

## Дарси 3

## ТАЙЁР КАРДАН ВА НИГОҲ ДОШТАНИ ҲУҶҶАТ

Усулҳои дар Word тайёр кардан ва нигоҳ доштани ҳуҷҷат бисёр буда, аз онҳо мувофиқи вазъият истифода мебаранд. Барои ба хотир гирифтани ин усулҳо каме машқ бояд кард.

*Калимаҳои асосӣ:* **тайёр кардани ҳуҷҷат, ҳолатҳои клавиатура, нигоҳ доштани ҳуҷҷат.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ТАЙЁР КАРДАНИ ҲУҶҶАТ

Барои тайёр кардани ҳуҷҷати матндор аввал саҳифаи нав (майдони корӣ) ҳосил карда мешавад. Ҳосил кардани саҳифаи навро дор протсессори матни Microsoft Word, дар асоси яке аз амалҳои зерин  ба ҷо овардан мумкин:

1) барномаи ба кор даровардашуда, ҳосил кардани ҳуҷҷати навро бо унвони Документ1 таклиф мекунад;

2) Аз менюи Fayl фармони **Ҳосилкунӣ** (Создать) интихоб мегардад. Барои матннависӣ саҳифаи нав ҳосил мешавад;

Ҷараёни тайёркунии ҳуҷҷати матндор оғоз меёбад.

Маълум аст, ки матн аз ҷумлаҳо, ҷумлаҳо аз калимаҳо, калимаҳо аз ҳарфҳо ташкил меёбанд. Ба ғайр аз ин, дар матн аломатҳои китобатӣ ва дигар аломатҳои махсус ҳам истифода мегарданд. Дар тамоми ин аломатҳо клавиатура мавҷуд аст. Аз ҳамин сабаб тартиби ҷойгиршавии клавишаро дар клавиатура чӣ қадар хуб донед, матннависӣ ҳам ҳамон қадар осон мешавад. Барои ин аломати зарурии клавишҳоро паси ҳам зер кардан кифоя. Аломати зарурии бо клавиша зеркардашуда дар ҷойи нишондаҳандаи курсори майдони корӣ сабт шуда, курсор ба як аломат ба рост мегеҷад.

Ба болои баъзе клавишаҳо якчанд аломат тасвир шудааст (синфи 5). Тасвирҳои мазкур, одатан  ҳарфҳо, ё аломатҳои махсусро ифода месозанд. Масалан:



Ҳангоми яке аз клавишаҳоро зер кардан, кадом ҳарф ё аломатҳои махсус дар ҳуҷҷат акс ёфтанаш, ба забони дар клавиатура коркунанда вобаста. Клавиатура аз тарафи истифодабаранда интихоб гардидааст. Масалан:




бо яке аз забонҳо кор карданаш мумкин. Ҳолати забон, одатан, дар панели забон акс меёбад, ки дар тарафи рости панели **Масъалаҳо** ҷойгир шудааст. Дар панели забонҳо 3 забон бо интихоби тугмаҳои EN ё ки RU, ё худ UZ акс меёбад.

Интихоби забонро бо яке аз усулҳои зерин ба амал баровардан мумкин.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




**Усули 1. Бо ёрии мушак.** Ҳангоми интихоби тугмаи ҳолати забон, аз рӯйхати ҳосилшуда (расми тарафи чап) тугмаи зарурӣ интихоб мегардад.

**Усули 2. Бо ёрии клавишҳо.** Дар панели ҳолати забон акс ёфтани ҳолати зарурӣ, бо ҳамвора пахш шудани клавишҳои **Alt** (ё ки **Ctrl**) ва **Shift** такрор меёбад.

Клавиатура ба ғайр аз ҳолати забон дар ҳолати **«регистри поёнӣ»**, ё **«регистри болоӣ»** мешавад. Компютер нав ба кор дарояд, клавиатура дар ҳолати (режими) регистри поёнӣ меистад.

Ҳангоми зер кардани клавиши аломати махсус дар ҳолати регистри поёнӣ, ба ҳолати забон мос ҳарфҳои хурди Алифбо ё ки аломати махсуси қисми поёнии клавиш ба экран мебарояд.

Масалан, дар регистри болоӣ:

| | | |
|---|---|---|
| В И | ҳангоми пахши клавиш аломате, ки ба экран бароварда мешавад | Клавиатура дар ҳолати алифбои лотинӣ: b |
| | | Клавиатура дар ҳолати алифбои кириллӣ: и |
| # № 3 | ҳангоми пахши клавиш аломате, ки ба экран бароварда мешавад | Клавиатура дар ҳолати алифбои лотинӣ: 3 |
| | | Клавиатура дар ҳолати алифбои кириллӣ: 3 |
| ? , /. | ҳангоми пахши клавиш аломате, ки ба экран бароварда мешавад | Клавиатура дар ҳолати алифбои лотинӣ: / |
| | | Клавиатура дар ҳолати алифбои кириллӣ: . |

Барои ба экран баровардани аломатҳо дар ҳолати регистри болоӣ баробари клавиши Shift, клавишҳои зарурӣ пахш мегардад. Дар регистри болоӣ ба ҳолати забон мос сарҳарфҳои Алифбо ё аломатҳои қисми болоии клавиш, ба экран мебарояд.

Масалан, дар регистри болоӣ:

| | | |
|---|---|---|
| В И | ҳангоми пахши клавиш аломате, ки ба экран бароварда мешавад | Клавиатура дар ҳолати алифбои лотинӣ: B |
| | | Клавиатура дар ҳолати алифбои кириллӣ: И |
| # № 3 | ҳангоми пахши клавиш аломате, ки ба экран бароварда мешавад | Клавиатура дар ҳолати алифбои лотинӣ: # |
| | | Клавиатура дар ҳолати алифбои кириллӣ: № |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| | |
|---|---|
|  ҳангоми пахши клавиш аломате, ки ба экран бароварда мешавад | Клавиатура дар ҳолати забони лотинӣ: ? |
| | Клавиатура дар ҳолати забони кириллӣ: , |

Баъзан зарур аст, ки қисми матн танҳо бо ҳарфҳои калон навишта шавад. Дар ин сурат клавиши Caps Lock истифода мегардад. Бо пахш намудани ин тугма индикатори **Caps Lock** дар қисми болоии рости клавиатура фурӯзон шуда, клавиатура ба ҳолати дохилкунии сарҳарфҳо (на ба регистри болоӣ) мегузарад. Тугмаи **Caps Lock** бори дигар пахш шавад, индикатори Caps Lock хомӯш шуда, клавиатура ба ҳолати ҳарфҳои хурд бармегардад.

> Барои навиштани ҳарфҳои калон пахш кардани клавиши Шифт -ро фаромӯш накунед!
>
> Агар танҳо ҳарфҳои калонро навиштан зарур ояд, аз клавиши Caps Lock истифода баред!

Дар забонҳои ӯзбекӣ барои навиштани ҳарфҳои O‘, o‘, G‘ ва g‘ муаммоҳо мавҷуданд. Барои навиштани онҳо а) аз ҳарфҳои O, o, G, g заруриашро менависанд; б) пробел (фосила)-ро зер карда, аломати «‘» навишта мешавад; в) пробел кушода мешавад. Калимаҳои  дар забони ӯзбекӣ, ки бо иштироки ҳарфҳои O‘, o‘, G‘ ва g‘ навишта шудаанд, ба истилоҳи калимаҳои барномаи Word зид ҳастанд. Зеро калимаҳои «bo‘g‘in» (ҳиҷо) дар забони ӯзбекӣ барои Word ба 3 калима: «bo», «g» ва «in» табдил меёбад.

## ҲИФЗ КАРДАНИ ҲУҶҶАТ

Ҳуҷҷати ҳосилшуда бояд дар хотира сабт шавад. Барои ин то ба охир навиштани ҳуҷҷатро интизор шудан шарт нест. Одатан, бо оғози даровардани матн онро ба диск сабт кардан ба мақсад мувофиқ аст. Чунки бо сабабҳои гуногун компютер метавонад хомӯш шавад. Дар ин ҳолат, дар диск нусхаи охирини сабтшудаи ҳуҷҷат боқӣ мемонад.

Чӣ хеле, ки гуфтем барои ҳифз кардани ҳуҷҷат агар он бори аввал ҳифз шуда истода бошад, аз менюи **Fayl** фармони **Ҳифз кардан** (Сохранить) ё «**Ин тавр ... ҳифз кардан**» (Сохранить как ...) интихоб мешавад. Дар натиҷа чун дар барномаи Paint дар экран оинаи мулоқоти **Ҳифз кардан** ҳосил мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Агар ҳуҷҷатро бори аввал ҳифз кунем, ба он ном додан зарур аст. Барои ин:

➢ Аз ҷониби барнома тавсия гардида, масалан: бо унвони Документ 1 ё ки бо у номи қисми матни саҳифаи якум маҳфуз доштан;

➢ бо номи аз тарафи истифодбаранда додашуда ҳифз кардан (масалан, оид ба мавзӯи: Ватан-Модар – иншо ё Тавсифномаи ман ё Кори лабораторӣ 1; оид ба соҳаи истифодабарии ҳуҷҷат: Иншо аз Забони модарӣ ё Ҳуҷҷатҳои ман 1 ё Физика Лаб 1).

**Ба ҳуҷҷати нави ҳифзшаванда дар папкаи ҷорӣ номи ҳуҷҷати пештараро дода, таклифи «Заменить» (ивазкунӣ)-и барнома дода шавад, ҳуҷҷат аввал маҳв гашта, ҳуҷҷати нав ҷояшро мегирад.**

Папкаи зарурӣ **(Папка)** интихоб шуда, номи файл (масалан, **«Реферат аз Информатика»**) ро навишта, тугмаи **«Ҳифз кардан»** (Сохранить) пахш мегардад. Ҳангоми **«ҳифзи ҷорӣ»** аз панели тезкор ё фармони **маҳфуз доштан** интихоб мегардад. Агар файли пештар сабтшударо бо номи нав ё ба папкаи нав навиштан зарур бошад, фармони (Сохранить как...) **«Ин тавр ҳифз кардан»**-ро аз менюи **Файл** интихоб менамоем.

> Ҳар гоҳ матни навиштаистодаро ҳифз кунед!
> Барномаи MS Word ҳам дар вақти муайянгардида ҳуҷҷати ҷориро маҳфуз медорад.

## *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*

1. Барои офаридани ҳуҷҷати нав дар барномаи «Word» кадом амалҳо иҷро карда мешаванд?
2. Бо кӯмаки кадом панели асбобҳо саҳифаи нав мекушоед.
3. Усулҳои ҳосилкунии ҳуҷҷати навро дар амал нишон диҳед.
4. Клавиатура дар чӣ гуна ҳолатҳо шуданаш мумкин?
5. Ҳангоми пахш кардани клавиатура дар он кадом аломат дар экран пайдо мешавад?
6. Ҳолатҳои регистри поёнӣ ва регистри болоиро нишон диҳед.
7. Барои навиштани сарҳарфҳо ба таври илова кадом клавиш (тугма) пахш карда мешавад?
8. Бо кӯмаки кадом тугма танҳо ба навиштани сарҳарфҳо гузаштан мумкин аст?
9. Усулҳои маҳфуз доштани ҳуҷҷатро дар амал нишон диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАШҚҲО

1. Маълумотҳои дар хона тайёркардаатонро ба давоми ҳуҷҷати «Тарҷимаи ҳол» навишта, бо номи «Тарҷимаи ҳол 2» ҳифз кунед. Барномаро пӯшед.
2. Барномаи Microsoft-Word-ро ба кор дароред. Ба ҳуҷҷат «Кори клавиатура» ном диҳед. Матни зеринро ҳосил кунед ва барномаро пӯшонед.
   №1: Ҳуҷҷатҳо- Ҳуҷҷатҳо – DOCUMENTS – Документы.
   №2: ReGiStRu болоӣ <> **БА ҲИЧО ЧУДОКУНӢ** – Ба ҳиҷо чудокунӣ.
3. Барномаи Microsoft-Word-ро ба кор дароред. Дар ҳуҷҷат матни «Microsoft Word»-ро навишта, бо унвони «Бо номи аввал маҳфуз кардан» ҳифз кунед. Барномаро пӯшонед.
4. Ҳуҷҷати «Бо номи аввал маҳфуз кардан»-ро кушода, дар давоми матн нақли барномаро (2010) нависед ва бо номи «Бо унвони дуюм дар дигар папка маҳфуз доштан» дар папкаи ҷорӣ нигоҳ доред. Барномаро пӯшонед.
5. Ҳуҷҷати «Бо унвони дуюм маҳфуз доштан»-ро кушода, дар давоми матн матни «усулҳои маҳфуз кардан»-ро нависед. Ҳуҷҷатро бо номи «Бо номи дуюм дар дигар папка маҳфуз кардан» дар дохили папкаи ҷорӣ бо унвони «Папкаи дигар» ҳосил карда, дар он маҳфуз доред. Барномаро пӯшонед.
6. Ба дафтар матни панҷабзатсаи «Оилаи ман»-ро нависед. Пеш аз навиштан аввал дар бораи мазмуни ҳар як абзатс нақша кашед. Нақшаатонро дар дафтар акс кунед.

## Дарси 4

# ҚОИДАҲОИ МАТННАВИСӢ ДАР WORD

Барои дар протсессори матн навиштани матн, пахш кардани клавиш кифоя нест. Матн дар Word дар асоси нақшаи мукаммал навишта мешавад. Масалан, дар ҳуҷҷати «Тарҷимаи ҳол»-и навиштаатон, ҷавоб додан ба як қатор саволҳо пешбинӣ шудааст. Дар ҷараёни тайёркунии ҳуҷҷати ба нақша гирифта бояд намуд, қоидаҳои матннависӣ, ҳаракат кунонидани ҳуҷҷат ва имкониятҳои таҳрири матнро донед.

*Калимаҳои асосӣ:* **намудҳои ҳуҷҷат, қоидаҳои матннависӣ, ҳаракаткунӣ дар ҳуҷҷат.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ҲОЛАТҲОИ НАМУДИ ҲУҶҶАТ

Барои коркарди ҳуҷҷат барномаи Microsoft Word ба воситаи тасмаи **Намуд** (Вид) якчанд **ҳолатҳои намуди** акскунандаи ҳуҷҷатро тавсия мекунад:




Дар ҳолати **нишонакунии саҳифа** (разметка страницы) (расми А) матн, ҳошияҳо, расмҳо ва дигар қисмҳо чун дар саҳифаи ба чоп омодашаванда ҳосил мешавад.




Дар ҳолати хондан (Режим чтения) андозаҳои ҳуҷҷат чун дар андозаҳои экран тағйир ёфта, асбобҳои гуногун акс намеёбанд. Ин ҳолат дар вақти хондани ҳуҷҷат барои камтар хасташавии чашм пешбинӣ шудааст.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Веб-ҳуҷҷат** (Веб-документ) ҳуҷҷатро чун дар ойинаи браузер акс мекунад. Дар ин ҳолат дар браузерҳо (масалан, бо кӯмаки **Internet Explorer**-и таркиби **Windows**) тайёркунии Web-саҳифа ва Web-ҳеҷҷатҳо қулай аст.

Дар ҳолати **Структура** (расми В) сарлавҳаҳои ҳуҷҷат вобаста ба зинаҳои структураи ҳуҷҷат меғеҷад. Ҳолати мазкур барои дидани таркиби матн, нусхабардории қисмҳои матн, бо роҳи кӯчондан аз нав ташкил кардани матн истифода мегардад.

Ҳолати **Сиёҳнавис** (Черновик) даровардан, таҳрир ва форматикунонии матнро дар назар дорад. Ҳолати мазкур барои эътибори зиёд додан ба матн истифода мегардад. Дар ҳолати сиёҳнавис MS Word баъзе элементҳоро акс намекунад.

Одатан, ҳангоми ба кор даровардани MS Word ҳолати **Нишонакунии саҳифа** акс меёбад.

## ҚОИДАҲОИ МАТННАВИСӢ

Дар барномаи Microsoft Word ҳангоми ба сарҳади рости саҳифа расидан, калимаи навишташаванда ва матни минбаъда ба сатри нав ба таври автоматӣ мекӯчад.

Барои гузаштан **ба абзатс** клавиши Enter -ро пахш кардан зарур аст.

- Баъди ҳар як аломати китобат, пахш кардани клавиши фосила шарт аст. Пеш аз аломати китобат он зер карда намешавад.
- Барои ҷойгирсозии **Фосилаи қатъӣ** клавишҳои Ctrl , Shift, пробел якҷоя пахш карда мешавад. Дар охири сатри ҷумлаи фосиладор тиреи клавиши ёрирасон клавиши «тире» якҷоя пахш мегардад (масалан, А. Фозилов) барои ҷудо нашудан, яъне ба як сатр ғунҷондан шарт бошад, истифода мегардад.
- Аломати **«Дефис»** (тире, -) бидуни фосила иншо мегардад. Масалан, шав-шув, гулдур-гулдур.
- **«Тире»** (–) аз ду тараф бо фосила ҷудо карда мешавад. Барои сабти он клавиши Ctrl ва аз маҷмӯи клавишҳои ёрирасон клавиши «тире» якҷоя пахш мегардад. Масалан, «Баҳром Назаров – донишомӯзи аз ҳама аълохони синфамон».
- **«Тиреи дароз»** (—) аз ду тараф бо фосилаҳо ҷудо карда мешавад. Барои навиштани «Тиреи дароз» маҷмӯи клавишҳои Ctrl, Alt ва «тире» якҷоя пахш мегарданд. Масалан, «Маънавияти воло – қувваи мағлубнопазир».



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

• Барои сабти «тиреи қатъӣ» клавишҳои Ctrl, Shift ва - якҷоя пахш мегарданд. Барои он ки тиреи қатъӣ аз калимаи якҷоя бо дефиси дар охири сатр омада ҷудо нашавад, яъне онҳо дар як сатр ҷойгир шуданашон шарт бошад (масалан, синфи 5-ум), истифода мегардад.

• **«Тиреи нарм»** ҳиҷоҷудокунии нарм ҳам номида мешавад. Ҳангоми ҷараёни матннависӣ барномаи Microsoft Word қисми калимаи ба сатр нағунҷидаро ба сатри нав ба тарзи автоматӣ ба ҳиҷо ҷудо карда мекӯшонад. Лекин он метавонад на аз рӯйи қоидаҳои имлои забонҳои ӯзбекӣ ё тоҷикӣ бошад. Масалан, калимаи мегӯянд чун **мегӯянд**. Дар ин ҳолат курсор барои он ки ҳарфи «г»-и калимаи «мег»-ӯянд пеш гузошта шавад, «тиреи нарм» дохил мегардад, яъне клавишҳои Ctrl, ва - -и шафати рақами 0 якҷоя пахш мегардад. Калимаи «мегӯянд» ба ҳиҷои **ме-гӯянд** ҷудо мегардад. Агар дар ҷараёни таҳрир калимаи бо ёрии «тиреи нарм» навишта пурра дар сатр ғунҷад (яъне, масалан, пеш аз калимаи ме-гӯянд ягон калима илова шавад ё пеш аз калимаи «мегӯянд»-и сатр ягон сухан маҳв гардад, дар ин ҳолат бо кӯмаки аломати тиреи нарм аломати тиреи ҳиҷо дар матн мувофиқи хосияти мазкур акс намеёбад.

• Калимаҳое, ки дар дохили **қавсайн** (), **нохунак**, «», мебошанд, бо фосила ҷудо намешаванд. Масалан, «Windows XP».

• Дар навишти рақамҳои римӣ аз сарҳарфҳои I, V, X, L, C, M истифода бурда мешавад.

## ҲАРАКАТ ДАР ҲУҶҶАТ

Дар барномаи Microsoft Word курсор бо кӯмаки клавишҳои тезкор дар ҳуҷҷат ин тавр ҳаракат мекунад:

• клавишҳои аз як сатр ба сатри дуюм ↑ ё ки ↓ самт;

• клавишҳои аз як аломат ба аломати дуюм → ё ки ← самт;

• аз як калима ба дигараш дар баробари доштани клавиши Ctrl клавиши → ё ки ← пахш карда мешавад;

• аз як абзатс ба дигараш баробари доштани клавиши Ctrl клавиши ↑ ё ↓ пахш карда мешавад;

• аз як саҳифа ба дигараш бо кӯмаки клавишҳои PageUp ва PageDn ;



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

• дар аввали сатр бо кӯмаки клавиши Home, дар охири сатр бо кӯмаки клавиши End;

• дар оғози матн бо кӯмаки клавиши Ctrl + Home, дар охири матн Ctrl + End.

Дар ҳуҷҷати Microsoft «Word» имконияти варақзании ҳуҷҷат, яъне имконияти дидани сатрҳои пешинаву баъдина, ҳамчунин саҳифа ҳаст:




Аломати мушакро ба нишони гузошта, онро бо тугмаи чапи мушак дошта истода, ба болову поёни матн геҷондан мумкин аст.

Барои иҷрои амалҳои тарафи чап нишондиҳандаи мушакро ба ҷойи нишондодаи расм равона намуда, тугмаи чапи мушакро як бор пахш кардан кифоя аст. Дар ин лаҳза курсор дар ҷойи худ меистад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Намуди дидани ҳолати ҳуҷҷатро дар барномаи «Word» гӯед.
2. Ҳангоми ба кор оғоз намудани барномаи «Word» кадом ҳолати намуди ҳуҷҷат акс мегардад?
3. Ҳангоми сабти матн дар барномаи «Word» ба абзатси нав чӣ гуна мегузаранд?
4. Чӣ гуна навиштани тиреи дарозро дар «Word» нишон диҳед.
5. Чӣ тавр навиштани тиреи қатъиро дар амал нишон диҳед.
6. Ададҳои 1950 ва 1963-ро бо рақамҳои римӣ нависед.
7. Курсорро саросари матн чӣ тавр ҳаракат кунондан мумкин аст. Онро дар амал нишон диҳед.
8. Кадом усулҳои варақзании матн мавҷуд аст?
9. Курсор ҳангоми варақзании матн чӣ гуна ҳаракат карданашро дар амал нишон диҳед.
10. Вазифаи ғилдиракчаи мушак дар ҳуҷҷат чист?
11. Бо кӯмаки клавишҳои Home, End, Ctrl+Home ва Ctrl+End ҳаракатро дар саросари ҳуҷҷат дар амал нишон диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *МАШҚҲО*

1. Хосияти ҳолатҳои саҳифаи сутуни чапро аз сутуни рост муайян кунед.

| | |
|---|---|
| **Муайянкунии саҳифа** | Андозаи ҳуҷҷат мувофиқи андозаи экран тағйир меёбад. |
| **Хондан** | Сарлавҳаи ҳуҷҷат мувофиқи зиначаи структураи ҳуҷҷат мегеҷад. |
| **Структура** | Матн, ҳошияҳо, расмҳо ва дигар қисмҳо чун намуди саҳифаи дар коғаз чопкунанда акс меёбад. |

2. Дар асоси маълумоти дар хона тайёр кардаатон ҳуҷҷатро бо унвони «Оилаи ман» ҳосил кунед. Ҳуҷҷатро бо унвони «Оилаи ман» маҳфуз доред. Барномаро пӯшед.
3. Ҳангоми ҷараёни навиштани матни поёнӣ дар барномаи Word баъди ҳар як калима «Пробели қатъӣ»-ро дохил кунед. Ҳуҷҷатро бо унвони «Қатъӣ ва нарм» маҳфуз доред. Ҳар як калимаро бо кӯмаки «Тиреи нарм» ба ҳиҷо ҷудо кунед. Натиҷаро таҳлил намоед:
«Туӣ бетакрор, ягона Модар – Ватанам – Ӯзбекистон»; «Бо диёри худ, сарзамини худ ифтихор карда, сарбаландона зиндагӣ бояд кард!», «Ифтихор дорам бо ту, маскани илму фани ман!»
4. Ба дафтари худ бо унвони «Ватани ман – Ӯзбекистон» иборат аз панҷ абзатс матн нависед. Матн набояд аз 15 калима кам бошад. Пеш аз навиштани матн доир ба мазмуни инъикоскунандаи ҳар як абзатс нақша кашед. Нақшаи тартибдодаатон ҳам бояд дар дафтар акс ёбад.

**Дарси 5**

# ПАРАМЕТРҲОИ АСОСИИ ҲУҶҶАТҲО

Пеш аз оғози кор дар протсессори матнии «Word», аввал намуди ҳуҷҷатро пеши назар овардан лозим. Зеро, мувофиқи намуди ҳуҷҷат андозаи коғаз, самти саҳифа, масофаи байни сатрҳо муайян мегарданд.

*Калимаҳои асосӣ:* **параметрҳои саҳифа, параметрҳои шрифт, параметрҳои абзатс.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ПАРАМЕТРҲОИ ҲУҶҶАТ

Дар ҳаёт мо бо ҳуҷҷатҳои гуногун дучор меоем. Баробари тавлиди кӯдак ба ӯ шаҳодатномаи таваллуд дода, аз хусуси саломатиаш варақа кушода мешавад, маълумотномаҳои тиббӣ ё ки таҳсил, табели донишомӯз ва ҳоказо. Онҳо аз ҳамдигар на фақат аз рӯйи маъно, балки бо ҷиҳатҳои дигарашон, яъне аз он ҷумла бо андозаи ҳуҷҷатҳо фарқ мекунанд. Зеро, ҳуҷҷатҳои мухталиф дар коғазҳои андозаашон гуногун навишта мешаванд. Ғайр аз ин, матн дар рӯйи саҳифа бо тарзи гуногун ҷойгир шуда метавонад: чап, рост, боло ва поён. Дар ҳар гуна ҳуҷҷатҳо масофаи байни сатрҳо ҳам ҳар хел шуданаш мумкин аст. Дар ҳуҷҷатҳо чунин монеаҳо бисёр дучор меоянд.

Вобаста ба намуди ҳуҷҷатҳо дар протсессори матн **параметрҳои саҳифа** ва **параметрҳои матн (ҳуруф, сархат)** гузошта мешавад. Онҳо параметрҳои ҳуҷҷат ном доранд.

## ПАРАМЕТРҲОИ САҲИФАҲО

Параметрҳои саҳифаи ҳуҷҷат асосан бо назардошти чопи ҳуҷҷат интихоб мегардад. Намуди интихоби параметрҳои саҳифаро бо кӯмаки тасмаи **Муайянкунии саҳифа** (разметка страницы), ки дар поён акс ёфтааст, ба амал баровардан қулай аст:




Ба воситаи зергурӯҳи **Ҳошияҳо** (Поля)-и **Параметрҳои саҳифа** (Параметры страницы)-и ин тасма, муайян кардани андоза, бо ёрии **Ориентатсия** (Ориентация) муайян кардани самти саҳифа (китоб ё албом), бо ёрии **Андоза** (Размер) муайян кардани андозаи коғаз, бо ёрии **Сутун** (Колонки) муайян кардани миқдори сутунҳои саҳифа мумкин аст:






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Агар параметрҳои пурраи саҳифаро дидан зарур ояд, дар ин ҳолат даричаи мулоқоти **Параметрҳои саҳифа** (Параметры страницы) кушода мешавад. Ин даричаи мулоқотиро бо кӯмаки тугмаи гурӯҳи мантиқии **Параметры страницы** тасмаи **Разметка страницы** кушодан мумкин аст. Барои қувва пайдо кардани параметрҳои интихобии қабати даричаи мулоқот тугмаи **«ОК»**-и даричаи мулоқот (бо кӯмаки мушак) интихоб мегардад ё ки клавиши Enter пахш карда мешавад.

Имконияти бо кӯмаки хаткашаки горизонталӣ ва вертикалӣ тағйир додани ҳошия ҳам мавҷуд аст. Хаткашакҳо бошанд, баъди интихоби объекти **«Хаткашак»** (Линейка)-и гурӯҳи мантиқии. **Акс кунондан** (Показать-и тасмаи **«Намуд»** (Вид) акс меёбанд.




Барои боз ҳам зебо ва ҷозибадор нишон додани саҳифа ранг ва сарҳади фон тағйир ёфтанаш мумкин. Барои ин аз имкониятҳои **Ранги саҳифа** (Цвет страницы) ва **Сарҳади Саҳифаҳо** (Границы страниц)-и тасмаи **Муайянкунии саҳифа** (Разметка страницы)-и банди **Фони саҳифа** (Фон страницы) истифода бурда мешавад.

5. Ба дафтаратон матни «Ҷадвалҳо»-ро нависед Дар мазмуни матн намуди ҷадвалҳои худатон дучоромада (масалан, ҷадвали рӯзнома ё ки ҷадвали дарси мактаб, журнали синф) ва эзоҳи мухтасари он акс ёбад. Сатрҳо, расм ё ки ранги гуногуни матнҳои ҷадвалро интихоб кунед.
6. Тестҳои зеринро таҳлил кунед ва ҷавобашро муайян созед.
   1) Ба андозаи расм чиҳо медароянд;
   А) Андозааш; Б) Ҳолати ҷойгиршавӣ;
   В) Рангаш; Г) Тамоми ҷавобҳо дурустанд.
   2) Дар Word расмро ба матн дар кадом ҳолат ҷойгир кардан мумкин?
   А) байни матн; Б) Атрофи рамка (чорчӯба);
   В) Саросари контур; Г) Тамоми ҷавобҳо дурустанд.
   3) Барои дар Word кашидани тарҳи ҳалқа кадом тугма ва клавиш дар якҷоягӣ истифода мегарданд?
   А) Эллипс ва Ctrl; Б) Эллипс (овал) ва Shift;
   В) Хатти каҷ ва Ctrl; Г) Хатти каҷ ва Shift.

## Дарси 12
## КОР БО ҶАДВАЛҲО ДАР ҲУҶҶАТҲО

Баъзан дар ҳуҷҷатҳо дар баробари расм ҷадвалҳоро ҳам ҷойгир кардан лозим меояд. Ҷадвалҳо мухталиф мешаванд. Масалан, ҷадвали дарсҳои мактаб, саҳифаҳои рӯзнома ва журнали синф, ҷадвали ягон мусобиқаи футбол ва ҳоказо. Шакл ва мазмуни ҷадвалҳои мазкур гуногун бошанд ҳам, тамоми онҳо аз миқдори сатр ва сутунҳои муайян иборатанд.

*Калимаҳои асосӣ:* **мафҳуми ҷадвал, ҷойгирсозии ҷадвал, амалҳо бо ҷадвалҳо.**

### МАФҲУМ ДАР БОРАИ ҶАДВАЛ

Ҷадвали дилхоҳ аз **n-то сутун** ва аз **m-то сатрҳо** иборат аст. Онҳо дар навбати худ ячейкаҳо (катакҳо) ба ҳисоб мераванд. Элементҳои асосии ҷадвал аз ячейкаҳо (катакҳо) иборатанд. Ячейкаро дар Word **микроҳуҷҷат** номидан мумкин аст. Дар ка-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

так матн навиштан, андозакунии он ва ҳатто расм ҷойгир сохтан мумкин. Ба сифати мисол дар Word ҷадвалеро, ки аз 3 сутун ва 4 сатр иборат аст, мекашем, миқдори ячейкаҳо 12-то (3·4=12) мегардад.

| Рақами тартибӣ | Расм | Вазифа (функсия) |
|---|---|---|
| 1. |  | Аз клавишҳои ба болояш ҳарф, рақам ва дигар аломатҳо навишта иборат буда, бо ёрии онҳо маълумот ва фармонҳои мухталиф дароварда мешавад. |
| 2. |  | Вазифаи экрани телевизорро иҷро мекунад, яъне расми кашидашаванда, ҳарфи навишташаванда, филми намоишдиҳанда намоён мешавад. |
| 3. |  | Сохторе, ки идоракунии қулайи компютер, иҷрои як қатор корҳоро бо он сабук мегардонад. |

## ДАР WORD ҶОЙГИРСОЗИИ ҶАДВАЛ

Барои **ҷойгирсозии** ҷадвал тугмаи 

ҷадвал гурӯҳи **Ҷадвал** (Таблица)-и тасмаи **Ҷойгирсозӣ** (Вставка) интихоб мегардад. Даричаи интихобии кушодашуда чунин имкониятҳоро тавсия менамояд:






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Фарз мекунем, ки ҷадвали дорои 3 сутун ва 4 сатри теъдоди катакҳояш 12-то (яъне, ҷадвали 3×4)-ро ҳосил кардан зарур шуд. Дар MS Word ҷараёни ҳосилкунии ҳамин ҷадвалро дида мебароем:

| **Ҳаракатҳои иҷрошаванда** | **Намуд** |
|---|---|
| **Усули 1. Аз шӯъбаи Ҷойгирсозии ҷадвал** (Вставка таблицы) нишондиҳандаи мушакро ба болои 3-то сутун ва 4-то сатр ғеҷонда, интихоб мекунем ва тугмаи чапро пахш менамоем. |  |
| **Усули 2. Тугмаи Ҷойгирсозии ҷадвал** (Вставить таблицу...)-ро интихоб мекунем. Аз даричаи мулоқоти кушодашуда Ҷойгирсозии ҷадвал (Вставить таблицу...) миқдори сутунро 3, миқдори сатрро чун 4 интихоб менамоем. |  |

Ҷадвал дар шакли зерин ҳосил мешавад:

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |

## БАЪЗЕ АМАЛҲО БО ҶАДВАЛИ WORD

1. Дар сатри аввали ячейкаҳо одатан сарлавҳаҳои сутун, ки маълумотҳо ҷойгир шудаанд, дар сутуни аввали ячейка бошад, рақами тартибӣ нишон дода мешавад. Ячейкаи ҷадвал бо маълумот пур мегардад. Барои ин нишондиҳандаи мушак ба болои ячейкаи (катаки) зарурӣ гузошта мешавад. Аз рӯйи зарурат бо кӯмаки клавишҳои **Таб** ва самтнокӣ ба дигар катакҳо мегузаред.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| Рақами тартибӣ | Расм | Вазифа (функсия) |
|---|---|---|
| 1. |  | Аз клавишҳои ба болояш ҳарф, рақам ва дигар аломатҳо навишта иборат, бо ёрии онҳо маълумот ва фармонҳои мухталиф дароварда мешавад. |
| 2. |  | Вазифаи шабеҳи экрани телевизорро ба ичро мерасонад, яъне расми кашидашаванда, ҳарфи навишташаванда, филми намоишдиҳанда намоён мегардад. |
| 3. |  | Сохторе, ки идоракунии қулайи компютер ичрои як қатор корҳоро бо он сабук мегардонад. |

2. Вобаста аз ҳаҷми маълумотҳои ҷадвал бари сутунро тағйир додан мумкин аст. Барои ин нишондиҳандаи мушакро ба сарҳади хати ҷадвал меоварем. Вақте ки нишондиҳандаи мушак шакли  ро мегирад, тугмаи чапро пахш намуда, ба самти дилхоҳ мегеҷонем. Ҷадвал шакли зеринро мегирад:

| Рақами тартибӣ | Расм | Вазифа (функсия) | Вазифа (функсия) |
|---|---|---|---|
| 1. |  | Клавиатура | Аз клавишҳои ба болояш ҳарф, рақам ва дигар аломатҳо навишта иборат, бо ёрии онҳо маълумот ва фармонҳои мухталиф даровардa мешаванд. |
| 2. |  | Монитор | Вазифаҳои шабеҳи экрани телевизорро ичро мекунад, яъне расми кашидашаванда, ҳарфи навишташаванда ва филми тамошошаванда намоён мегардад. |
| 3. |  | Мушак | Сохторе, ки идоракунии қулайи компютер ва баъзе корҳои он ичрокунандаро осон мегардонад. |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## КОНТЕКСТ – МЕНЮИ КОР БО ҶАДВАЛ

Ба катаки (ячейкаи) ҷадвал курсор ҷойгир карда, контекст-менюи **Кор бо ҷадвал** (Работа с таблицами) фаъол мегардад. Контекст-менюи мазкур бо 2-то тасма – **Конструктор** ва **Макет** вобаста гардидаанд.

Тасмаи **Конструктор** барои оро додани дохили катак, интихоби тағйиротҳои хоси сарҳадҳои услубҳои ҷадвал, ҷузъҳои ҷадвал, кашидани ҷадвал, ҳамчунин маҳв кардани хатҳо имконият медиҳад.

| Гурӯҳҳо | Намуд |
|---|---|
| **Параметрҳои услубҳои ҷадвал** (Параметры стилей таблиц) |   |
| **Услуби ҷадвалҳо** (стили таблиц) |   |
| **Кашидани сарҳади ҷадвал** (рисование границ) |   |

Тасмаи **Макет** барои кушодани даричаи мулоқотии **Хосиятҳои ҷадвал** (Свойства таблицы), акс кунондани хати катакҳои беранг, гузоштан ва маҳв сохтани сатр ва сутун дар ҷадвал, якҷоякунии катакҳо ва сатрҳои ҷадвал, тағйир додани андозаҳои катак, тақсимкунии катак, услуби ҳамворкунии маълумотҳои катак ва муайянкунии самти матн, маҳфуз доштани маълумотҳо, иҷро кардани корҳои ҳисобу китоб дар асоси формула аз болои қимати ададҳои ҷадвал имконият медиҳад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| **Ҷадвал**<br>(Таблица) | **Сатрҳо ва сутунҳо**<br>(Строки и столбцы) | **Якҷоякунӣ**<br>(Объединить) |
|---|---|---|
|  |  |  |
| **Андозаи катак**<br>(Размер ячейки) | **Ҳамворкунӣ**<br>(Выравнивание) | **Маълумотҳо**<br>(Данные) |
|  |  |  |

Маълумотҳои катакҳои ҷадвалро алоҳида ё ки дар якҷоягӣ (ба блок гирифта) форматӣ кунондан мумкин. Дар он усули ҷойгиршавии маълумотҳо, андозаҳо, рангу намуди нақша, ранги фони катакҳо ва ҳоказо бо кӯмаки тасмаҳои **Конструктор** ва **Макет** ба осонӣ иҷро мегардад.

## *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*

1. Оид ба ҷадвал мисолҳо оред.
2. Ҷузъҳои ҷадвалро гӯед.
3. Барои чӣ ҷадвалро ба ҳуҷҷатҳои матндор илова менамоянд?
4. Ҷойи ба ҳуҷҷат гузоштани ҷадвал чӣ гуна ишора мешавад?
5. Кадом усулҳои гузоштани ҷадвалро дар ҳуҷҷати Word медонед?
6. Аз ҳуҷҷатҳои ҷадвал чӣ тавр нусхабардорӣ кардан мумкин?
7. Ҷадвалро аз ҳуҷҷат чӣ тавр маҳв кардан мумкин аст?
8. Хосиятҳои ҷадвалро чӣ гуна тағйир додан мумкин аст?
9. Дар ҷадвали катакҳо ҷиро ҷойгир сохтан мумкин аст?
10. Васеъгии сутуни ҷадвалро чӣ тавр тағйир медиҳем?
11. Баландии сатри ҷадвалро чӣ тавр тағйир додан мумкин аст?
12. Маълумотҳои ҷадвал чӣ тавр ба тартиб андохта мешаванд? Дар амал нишон диҳед.
13. Чӣ тавр тағйир додани фони сатр, сутун ва ячейкаи ҷадвалро дар амал нишон диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *МАШҚҲО*

1. Ба ҳуҷҷати унвонаш «Оилаи ман» ҷадвалро бо маълумотҳо аз хусуси аҳли оила баробари ному насаб ва санаи тавлид ҷойгир кунед. Дар он:
   а) аз матни пештар таҳияшуда нусха бардошта, ба ҷадвал ҷойгир созед;
   б) маълумотҳоро аз рӯйи ному насаб мувофиқи тартиби алифбо ҷо ба ҷо кунед;
   в) маълумотҳои ҷадвалро аз хусуси санаи зодрӯз баробари зиёд шудани синну сол ба намудҳо ҷудо кунед;
   г) маълумотҳои ҷадвалро мувофиқи тартиби камшавии синну сол ба намудҳо ҷудо кунед.
2. Ҷадвали намудаш зеринро ҳосил кунед:

| Рӯйхати тартибёфта | Рӯйхати тартибёфта | Рӯйхати маркетдор | Рӯйхати маркетдор |
|---|---|---|---|
| 1. Информатика<br>2. Математика<br>3. Физика | А) Информатика<br>В) Математика<br>С) Физика | • Информатика<br>• Математика<br>• Физика | ✓ Информатика<br>✓ Математика<br>✓ Физика |

3. Ба ҳуҷҷат зери унвони «Синфи компютерӣ» баробари додани унвони навъҳои мебелҳо, миқдору ранги он ҷадвал илова кунед. Ҷадвалро нусха бардошта, маълумотҳоро мувофиқи тартиби афзоиш аз рӯйи унвони мебелҳо ба навъҳо тақсим намоед.
4. Ба дафтаратон ба давоми ҳуҷҷати унвонаш «Тарҷимаи ҳол 2» илова кардани ҷадвалро баробари арзёбии ҳолати чоряки гузашта кашед. Ҷадвалро ба андозаи ҳамин ҷадвал кашед ва маълумотҳоро мувофиқи тартиби арфзоиш аз рӯйи номи фанҳо нависед.

## Дарси 13
## АМАЛҲОИ БОЛОИ ҶАДВАЛ

Дар дарсҳои гузашта мо аз барномаи Word бо даровардани ҷадвал ба ҳуҷҷат, тағйир додани андозаи сутуни ҷадвал ва тартибандозӣ барин амалҳо шинос шуда будем. Дар дарси мазкур Шумоён бо даровардани сатру сутуни нав, маҳв сохтани сатру сутун, муттаҳид сохтану ҷудокунии катакҳо барин амалҳо шинос мегардед.

*Калимаҳои асосӣ:* **даровардани ҷадвал, сатр ва сутун, маҳви сатр ва сутун, якҷоякунии катакҳо, тақсимкунии катакҳо.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ДАРОВАРДАНИ САТРУ СУТУНИ НАВ БА ҶАДВАЛ

Барои он ки ба ҷадвал сатр ё ки сутуни нав дароварда шавад, аввало курсорро ба сатр ё ки сутуни лозимӣ дар болои сатр ё ки сутуни ҳамроҳшаванда ҷойгир месозед. Аз гурӯҳи **Сатрҳо ва сутунҳо** (Строки и столбцы)-и тасмаи менюи **Макет** амали зарурӣ интихоб мегардад. Масалан, агар сатр ба сатри болои курсор ҷойгир шуда, ҳамроҳ карда шавад, дар ин ҳол тугмаи **Дар боло ҷойгиршуда** (Вставить сверху), агар сутун аз сутуни курсор ҷойгиршуда **дар тарафи чап ҳамроҳ шуданаш** лозим бошад, дар ин ҳол тугмаи **Дар чап ҷойгиршавӣ** (Вставить слева) интихоб мешавад.

## МАҲВ СОХТАНИ САТР Ё КИ СУТУНИ ҶАДВАЛ

Баъзан дар ҷадвал зарурати маҳв сохтани сатр ё ки сутуни зиёдатӣ ба миён меояд. Лекин онро бо усули осон маҳв сохтан душвор мебошад. Барои ҳамин амалҳои зеринро ба иҷро расондан лозим меояд.

Аввало курсор ба болои сатр ё сутуни маҳвшаванда ҷойгир карда мешавад. Агар якчанд сатру сутунҳоро маҳв карданӣ бошед, онҳоро дар блок қайд кардан лозим. Сипас, амали зарурӣ аз рӯйхати тугмаи **Маҳвкунӣ** (Удалить)-и гурӯҳи **Сатрҳо ва сутунҳо** (Строки и столбцы)-и тасмаи **«Макет»** интихоб мегардад. Масалан, сатрро маҳв сохтан зарур ояд, дар ин ҳол тугмаи **Маҳви сатрҳо** (Удалить строки) интихоб мешавад.

## МУТТАҲИД СОХТАНИ КАТАКҲО ДАР ҶАДВАЛ

Ҳангоми ҷараёни кор якчанд сатру сутунро дар шакли росткунҷа ба блок гирифтан лозим омада, зарурати муттаҳид сохтани ячейкаҳо ба миён омаданаш мумкин аст.

Барои муттаҳид сохтани ячейкаҳо амалҳои зеринро пайи ҳам ба иҷро расондан лозим меояд:

| Ҳаракатҳои иҷрокунанда | Натиҷааш |
|---|---|
| 1. Катакҳои муттаҳидшавандаро ба блок мегиред. |  |
| 2. **Тугмаи муттаҳидсозии катакҳо** аз гурӯҳи **Муттаҳидкунӣ** (объединение) – тасмаи **Макет** интихоб мегардад. |  |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ҶУДОКУНИИ КАТАКҲОИ ҶАДВАЛ

Ҷудокунии катакҳои ҷадвал ба катакҳои рақами зарурӣ ин тавр амалӣ гардонда мешавад.

1. Курсор ба катаки зарурӣ ҷудо карда, ё ки сатрҳо ва сутунҳои зарурӣ ба блок гирифта мешавад.

2. Тугмаи **Катакҳо тақсим гардед** (Разбиение ячеек)-и гурӯҳи **Якҷоякунӣ** (Объединение)-и тасмаи **Макет** интихоб мегардад.




3. Дар даричаи ҳосилшудаи мулоқот миқдори сутун ва сатрҳо қайд мешавад. Дар ин ҷо миқдори сатрҳои ҳосилшуда аз миқдори сатрҳои сутуни ҳамсоя набояд зиёд шуда, ба миқдори сатрҳои сутуни ҳамсоя бояд тақсимшаванда бошад.

## САМТИ МАТН ДАР ҶАДВАЛ

Дар ҷадвал матн ба самти горизонталӣ аз чап ба рост, ба самти вертикалӣ аз боло ба поён ё ки аз поён ба боло навишта шуданаш мумкин. Барои ин:

**Усули 1:**

1. Курсор ба катакчае, ки матн навишта мешавад, ҷойгир мешавад.

2. Тугмаи **Самти матн** (Направление текста)-и гурӯҳи **Ҳамворкунӣ** (Выравнивание-и) тасмаи **Макет** то акс кардани самти зарурӣ якчанд маротиба интихоб мегардад.

**Усули 2:**

1. Курсор ба катаки матнависӣ ҷойгир мешавад.

2. Тугмаи рости мушакро пахш карда, ба экран **Контекст-меню** бароварда мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




3. Амали Контекст-менюи мувофиқ ба **Самти матн** (Направление текста)-и чадвали дар экран аксёфта интихоб мегардад. Дар экран даричаи мулоқоти **интихоби самти матн** акс меёбад.

4. Аз даричаи мулоқоти дар экран аксёфта самти зарурии матн интихоб шуда, клавиши **Enter** пахш мегардад, ё ки бо кӯмаки муш тугмаи **OK** интихоб мешавад.

## *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*

1. Дар болои ҳуҷҷатҳо чӣ гуна амалҳо ба иҷро мерасанд?
2. Дар чадвал истифода бурдани сатру сутуни навро дар амал нишон диҳед.
3. Сутун ва сатри зиёдатии чадвал чӣ тавр маҳв мегардад?
4. Усулҳои ба блок гирифтани чадвалро дар амал нишон диҳед.
5. Ячейкаро дар чадвал чӣ тавр муттаҳид сохтан мумкин?
6. Чӣ тавр тақсим кардани катакҳои чадвалро дар амал нишон диҳед.
7. Самти матн дар ячейкаи чадвал чӣ тавр тағйир дода мешавад? Дар амал нишон диҳед.
8. Чадвали андозааш 2×3-ро тартиб дода, онро аз рӯйи сутунҳо бо рангҳои мухталиф оро диҳед.
9. Маълумотҳои сатрҳои чадвалро бо рангҳои гуногун оро диҳед.

## *МАШҚҲО*

1. Ба давоми ҳуҷҷат бо унвони «Тарҷимаи ҳол» чадвали баҳоҳоятонро дар чоряки аввал аз рӯйи фанҳо ҷойгир созед.
2. Чадвалҳои намудашон зеринро ҳосил кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






| Рақами тартибӣ | Номи авлодӣ, исми шариф | Соли таваллуд | *Холҳои рейтингӣ* | | | | Бали солона | Манзил | *Эзоҳ* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *Нимсолаи якуми сол* | | *Нимаи дуюми сол* | | | | |
| | | | Чоряки 1 | Чоряки 2 | Чоряки 3 | Чоряки 4 | | | |
| 1. | | | | | | | | | |

3. Ба дафтаратон сарлавҳаи «Формула ва ифодаҳо»-ро нависед. Дар давомаш формулаи роҳи тайшударо дар асоси вақт ва суръат, 2 муодила, 3 қиёсро оид ба ифода нависед.

## Дарси 14
## ОБЪЕКТҲОИ WordART

Барои он ки ҳуҷҷати Word боз ҳам назаррабо гардад, калима ё ки як қисми матнро дар шакли рамзи графикӣ аз рӯйи коллексияи объектҳои WordART ҷойгир сохтан мумкин аст. Масалан, объекти «WordART» ҳангоми таҳияи реферат, навиштани мақолаҳо ё ки сарлавҳа истифода мегардад.

*Калимаҳои асосӣ:* **Объекти «WordART», коллексияи «WordART», объекти «WordART».**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## КОЛЛЕКСИЯИ WordART

Объекти WordART – матн дар асоси расми манзаравӣ буда, бо кӯмаки он эффекти матни махсусро истифода бурдан мумкин. Масалан: тоб додан, ёзонидан, чийгиркунии ягон матн дар намуди шакл ё ки ранг кардани матн бо усулҳои гуногун. Ба ёрии ғеҷондани матн ба ҷойи зарурӣ ё тағйир додани андоза, эътиборро ба объекти WordART ҷалб сохтан мумкин.

Ба сатри объекти WordART-ро ҷойгир сохтан зарурбуда, тугмаи 

(WordART), гурӯҳи **Матни** (Текст) тасмаи **Ҷойгирсозӣ** (Вставка) интихоб мегардад. Аз рӯйхати мазкури бо услуби зерин кушодашуда услуби манзур интихоб мегардад, масалан, Градиентная заливка – черная, контур – белый, тень – снаружи.




Барои даровардани матн, майдони намудаш зерини матн акс меёбад:






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба ҷойи майдони рангшуда матни зарурӣ дароварда мешавад. Масалан, **Модар – Ватан Ӯзбекистон! Шукуфон бош, Ӯзбекистон!** Матни қайдшударо кушода, ба ҷояш матни нави чидашуда акс меёбад.




Дар тасмаи контекст-менюи **Воситаҳои кашидан-Формат** (Средство рисования-Формат)-и дар объекти WordART фаъолшуда, имкониятҳои форматикунониро истифода бурдан мумкин. Матни дар объекти WordART навишташуда бошад, **Самти матн** (Направление текста), **Андозаи матн** (Размер текста) ва **Ранги матн** (Цвет текста), усули **Ранг кардан** (Заливка текста) чун шакли аксёбии матн эътибори истифодабарии форматикунониро ба худ мекашад.

Дар мисоли поёнӣ шакли аксёбии матни объекти WordART тавсир ёфтааст.

1. Матни **«Мактаби мо – ифтихори мо!»**-ро дар объекти WordART ҷойгир мекунем.

**«Мактаби мо – ифтихори мо!»**

2. Шакли акскунии матнро тағйир медиҳем. Барои ин рӯйхати тугмаи **Аниматсия** (Анимация)-и гурӯҳи **услубҳои Word Art** (Стили Word Art)-и тасмаи контекст-менюи **Воситаҳои кашидан-Формат** (Средство рисования-Формат)-ро кушода, аз рӯйхати тугмаи зерини Тағйирдиҳӣ (Преобразовать) тарҳи **Ҳалқа** (Кольцо)-ро интихоб карда, андозаашро зиёд мекунем:






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Натиҷа ин тавр акс меёбад:




## *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*

1. Объекти WordART кадом вазифаҳоро иҷро мекунад?
2. Объекти WordART бо кадом усулҳо гузошта мешавад?
3. Гурӯҳи услубҳои WordART (стили WordART) чӣ гуна имкониятҳоро молик аст?
4. Шакли объекти WordART-ро чӣ тавр тағйир додан мумкин аст. Дар амал нишон диҳед.
5. Барои реферат аз рӯйи фанни Информатика муқова тайёр кунед.
6. Озодона тоб додани объекти WordART-ро нишон диҳед.
7. Андозаи объекти тайёри WordART-ро чӣ тавр тағйир додан мумкин аст. Дар амал нишон диҳед.

## *МАШҚҲО*

1. Ба давоми ҳуҷҷат бо унвони «Ватанам – Ӯзбекистон» объекти зерини WordART-ро ҷойгир созед.




2. Объекти поёнии WordART-ро ҳосил кунед. Дар он объекти поёниро дар 5 нусха ҳосил намоед. Ба ҳар як нусха усулҳои гуногуни андозакуниро истифода баред.




3. Ба дафтаратон дар давоми матн бо сарлавҳаи «Формула ва ифодаҳо» аз фанни физика, формулаи медонистаатонро нависед Ба зери ҳар як формула ба бузургиҳои дар формула иштирок карда эзоҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дарси 15

# НАВИШТАНИ ФОРМУЛАҲО ДАР WORD

Агар китобҳои дарсии математика ва физикаро варақ занед, формулаҳо ва ифодаҳои гуногуннамудро мебинед. Барои даровардани ифода ва формулаҳо ба барномаи Word аз имконияти муҳаррири формулаҳо истифода мебаранд.

*Калимаҳои асосӣ:* **муҳаррири формула, ҷойгиркунии формула, таҳрири формула.**

## БА КОР ДАРОВАРДАНИ МУҲАРРИРИ ФОРМУЛАҲО

Аз рӯйи баъзе имкониятҳои форматикунонӣ ҷойгир кардани аломатҳои махсуси ҳуҷҷат ва навиштани формулаҳои содда мумкин аст. Барои навиштани формулаҳои мураккаб аз имкониятҳои тугмаи Формула (π Формула ▾)-и гурӯҳи **Рамзҳо** (Символы)-и тасмаи **Ҷойгирсозӣ** (Вставка) истифода бурдан мумкин. Барои навиштани ягон формула курсорро ба сатре, ки формуларо ҷойгир кардан лозим аст, гузошта, тугмаи Формула (π Формула ▾) интихоб мегардад. Чун дар расми Место для формулы. ▾ барои формула ҷой акс меёбад. Дар сатри менюҳо бошад, контекст-менюи **Кор бо формула-Конструктор** (Работа с формулами-Конструктор) ва тасмаи ба он мувофиқ акс меёбад:







Барои баромадан аз муҳаррири формулаҳо, ақрабаки мушакро ба ҷойи асосии соҳаи кор оварда, тугмаи чапи онро як маротиба пахш мекунанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ИМКОНИЯТҲОИ МУҲАРРИРИ ФОРМУЛАҲО

Имконияти муҳаррири формулаҳо ниҳоят калон аст. Он аз якчанд гурӯҳ иборат буда, ҳар як гурӯҳ дар навбати худ ба гурӯҳҳои аз маҷмӯи амалҳои маълум иборатбуда тақсим шудааст. Масалан, намудҳои гуногуни аломатҳои **муносибат,** аломатҳои **касрҳо ва радикалҳо**, **шаблони қавсҳо** аз ҷумлаи онҳоянд.

| **Гурӯҳи Рамзҳо** (Символы) | **Гурӯҳи Структураҳо** (Структуры) |
|---|---|
|  |  |
| **Гурӯҳи Структураҳо** (Структуры) | **Гурӯҳи Структураҳо** (Структуры) |
|  |  |
| **Гурӯҳи Структураҳо** (Структуры) | |
|  | |

Амалҳои мазкурро истифода бурда, мисолҳои поёниро менависем (мустақилона нависед).

1. $12+\frac{1}{2}\le 13-x$ 2. $\left(2\frac{3}{4}\cdot 4+5\frac{1}{6}:\frac{1}{2}-10\frac{6}{9}\right)\cdot 9$ 3. $\frac{3}{4}x+\frac{1}{6}=\frac{5}{6}$

4. $\left(1\frac{3}{5}+2\frac{1}{5}\right):1\frac{9}{10}+\left(1\frac{7}{10}-\frac{4}{5}\right):\frac{3}{7}$ 5. $\left(x-1\frac{8}{9}\right)+3\frac{7}{9}=4\frac{4}{9}$



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Агар формула хато дошта бошад, онро ислоҳ кардан мумкин аст. Барои ин ақрабаки мушакро ба болои формула оварда, тугмаи чап ду маротиба пахш мегардад. Курсор ба дохили лавҳаи формула ҷойгир карда шуда, дар сатри менюҳо, контекст-менюи **Кор бо формула** (Работа с формулами) – **Конструктор** ва дар он тасмаи мувофиқ акс меёбад. Баъд бо ёрии мушак курсорро ба ҷойи зарурӣ оварда, ё бо ёрии клавиши самт хаторо ислоҳ кардан мумкин аст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Чӣ тавр формуларо дар Word навиштан мумкин аст?
2. Муҳаррири формулаҳо чӣ тавр ба кор даровarda мешаванд? Дар амал нишон диҳед.
3. Аз муҳаррири формулаҳо чӣ тавр баромадан мумкин аст?
4. Дар муҳаррири формулаҳо чӣ гуна қисмҳо ҳаст?
5. Хаторо дар формула чӣ тавр ислоҳ кардан мумкин? Дар амал нишон диҳед.
6. Дар доираи лавҳаи формула чӣ гуна ҳаракат кардан мумкин аст? Дар амал нишон диҳед.
7. Аз формулаи матн чӣ тавр нусха бардоштан мумкин аст? Дар амал нишон диҳед.

## МАШҚҲО

1. Ҳуҷҷатро бо унвони «Формула ва ифодаҳо» ҳосил кунед. Ба формула, муодила, нобаробарӣ, ифода ва эзоҳҳоро дохил кунед.
2. Ба давоми ҳуҷҷат бо унвони «Формула ва ифодаҳо» инҳоро нависед:

а) $100-56\neq 95-48$ б) $8\frac{16}{27}-\left(x-2\frac{17}{27}\right)=8\frac{5}{27}$

в) $6\frac{1}{8}:\left(14\frac{5}{12}-3\frac{13}{24}\cdot\frac{4}{7}+\left(3\frac{11}{12}-2\frac{7}{12}\right)\right)$ г) $\sum\lambda\cdot\psi\cdot\frac{1}{\nu}$

д) $\text{баҳо}=\begin{cases}5, \text{ агар тамоми ҷавобҳо дуруст бошад}\\ \neq 5, \text{ агар дар ҷавоб хато бошад}\end{cases}$

3. Ба дафтаратон сарлавҳаи «Ускунаҳои компютер»-ро нависед. Ба давоми он дар бораи асбобҳои дохил кардан ва баровардани компютер матн нависед. Ба матн ҷадвал ва шаклҳо дароред.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Дарси 16

# ЧОПИ ҲУҶҶАТ ДАР WORD

Ниҳоят мавриди чоп кардани ҳуҷҷати тайёр ба коғаз расид. Агар ҳуҷҷати дорои расмҳо, шаклҳо ва ҷадвалҳои дар коғаз тайёркардаатон чӣ тавр намуд доштанашонро дида бароматанӣ бошед, бояд ин мавзӯъро хуб омӯзед.

*Калимаҳои асосӣ:* **чопкунии ҳуҷҷат, имкониятҳои принтер.**

Принтерҳои замонавӣ имкониятҳои гуногуни чопи ҳуҷҷатҳоро доранд. Масалан, дар як варақ ҷойгир будани чанд саҳифаи матн, чоп кардани ҳуҷҷат дар шакли буклет ё ки китобча ва ҳоказо.

Барои тағйир додани параметрҳои чопи ҳуҷҷат шӯъбаи **Чопкунӣ** (Печать)-и менюи **Файл** интихоб мегардад. Дар экран






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

лавҳаи **Чопкунӣ** (Печать) мебарояд. Лавҳаи чопкунӣ аз бандҳои **Принтер** (Принтер), **Саҳифаҳо** (Страницы), **Нусхаҳо** (Копии), **Масштаб** (Масштаб), **Фарогирӣ** (Включить), **Чопкунӣ** (Напечатать) иборат.

Дар банди саҳифаҳо нишондодҳои **Ҳамааш** (Все), **Ҷорӣ** (Текущая), **Рақами тартибӣ** (Номера) ва **Қисми ҷудошуда** (Выделенный фрагмент) буда, якеи онҳо бо ёрии мушак интихоб мегардад.

Агар нишондоди **«Ҳама»** интихоб гардад, ҳуҷҷат бо пуррагӣ (тамоми саҳифа), чоп мешавад. Дар нишондоди **Ҷорӣ** саҳифаи ҷорӣ (саҳифаи курсор истода) чоп мегардад. Нишондоди рақами тартибӣ интихоб гардад, дар он сурат дариҷаи ба он дахлдор фаъол мегардад. Дар даричаи мазкур рақамҳои тартибии саҳифаҳои ба чопкуниашон лозим навишта мешаванд. Масалан, агар 1, 3, 5–12 бошад, дар он сурат саҳифаи якум, сеюм, ҳамчунин дигар саҳифаҳо аз 5 то 12 чоп мегардад. Нишондоди қисми ҷудогардида фақат ба ягон қисми матн муайян гардад, интихоб кардан мумкин. Дар ин ҳолат қисми ҷудогардидаи матн чоп мешавад.

Дар банди **микдори нусхаҳо** (число копий) ва **ҷудокунӣ аз рӯйи нусхаҳо** (разобрать по копиям) нишондодҳо вуҷуд дорад. Дар он чӣ қадар нусха бардошта, бо кадом тартиб чоп кардан нишон дода мешавад. Масалан, ягон ҳуҷҷатро дар 3 нусха чоп кардан зарур ояд. Дар ин ҳолат ба даричаи **микдори нусхаҳо** рақами 3 иншо мегардад. Агар фармони **«ҷудокунӣ аз рӯйи нусхаҳо»** қайд шуда бошад, дар он сурат аввал нусхаи аввал ба пуррагӣ, сипас нусхаи дуюм, баъд нусхаи сеюм чоп мегардад. Агар ин фармон қайд нашуда бошад, аввал саҳифаи якуми ҳуҷҷат дар 3 нусха чоп шуда, баъд саҳифаи дуюм дар 3 нусха ва ҳоказо чоп мешавад.

Дар банди масштаб дар як саҳифаи коғаз  чанд саҳифаи ҳуҷҷат чоп шуданаш нишон дода мешавад. Барои ин дар даричаи **микдори саҳифаҳои варақ** (число страниц на листе) яке аз фармони таклифгардида 1 саҳифа (1 страница), 2 саҳифа (2 страницы), 4 саҳифа (4 страницы) ва ҳоказо интихоб мегардад.

Дар банди фарогирӣ яке аз фармонҳои **Тамоми саҳифаҳо** (Все страницы диапазона), **саҳифаҳои рақами тартибашон тоқ** (Нечетные страницы), **саҳифаҳои рақами тартибашон ҷуфт** (Четные страницы) интихоб мегардад. Фармони **Тамоми саҳифаҳо** интихоб гардад, ҳуҷҷат ё ки қисми қайдшудаи он ба пуррагӣ чоп



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мешавад. Фармони саҳифаҳои рақами тартиби тоқ интихоб шавад, танҳо **саҳифаҳои рақами тартибиаш** тоқ чоп мегардад. Фармони **саҳифаҳои тартиби рақамаш ҷуфт** интихоб шавад, танҳо **саҳифаҳои рақами тартибиашон ҷуфт** чоп мешавад.

Дар банди принтер тугмаи **Хислатҳо** (Свойства) ҳаст. Бояд зикр намуд, ки бо кӯмаки тугмаи хосиятҳои мушак **Тугмаи хосиятҳо** пахш гардад, дар экран **лавҳаи хосиятҳо** кушода мешавад. Мувофиқи намунаҳои принтер хусусиятҳои онҳо ҳам ҳар хел мешаванд. Аз ҳамин сабаб намуди лавҳаи хосиятҳо ва ахбори онҳо ҳам мухталиф мегарданд.

Принтерҳо дорои хусусиятҳои гуногун буда, мо бо хусусияти он аз чопи китобча шинос мешавем. На ҳамаи принтерҳо дорои чунин хосиятанд. Аз ҳамин сабаб китобчаро дар мисоли хосияти принтери тамғаи **«HP Laserjet 1300»** дида мебароем. Хусусияти лавҳаи принтер дар расми поёнӣ нишон дода шудааст. Дарича аз чанд лавҳа иборат буда, барои дар шакли китобча






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

чоп кардани ҳуҷҷат ба шӯъбаи **Коркарди хотимавӣ** (Оконч. обработка) ворид мегардад.

Аз банди **Параметрҳои ҳуҷҷат** (Параметры документа) фармони **чопкунӣ аз ду тараф** (Печать на обоих сторонах)-ро интихоб кардан лозим. Дар даричаи иловагии макети буклет (Макет буклета) яке аз вариантҳои фармони пешниҳодгардида, фармони **муқовакунӣ аз тарафи чап** (Переплет по левому краю)-ро интихоб бояд намуд. Агар тугмаи ОК пахш карда шавад, дар он сурат чопи ҳуҷҷат оғоз меёбад. Аввало, қисми ҳуҷҷат дар як нисфи саҳифа чоп мегардад. Тартиби чопи коғазҳо вайрон нагардида, боз ба принтер ҷойгир карда шавад, қисми боқимондаи ҳуҷҷат дар тарафи дигари коғаз чоп мегардад. Варақҳои коғази чопгардидаро ҳамвор карда, дуқат намоем, китобча ҳосил мешавад.

## *САВОЛ ВА СУПОРИШҲО*

1. Бо кӯмаки кадом тугма ҳуҷҷатҳоро чоп кардан мумкин аст?
2. Чопи саҳифаи ҷории ҳуҷҷатро чӣ тавр амалӣ мегардонанд?
3. Саҳифаҳои пайи ҳам наомадаро дар як вақт чӣ тавр чоп карда метавонем?
4. Танҳо қисми қайдшудаи матнро чӣ тавр чоп кардан мумкин?
5. Танҳо саҳифаи рақами тартибиаш тоқ ва ҷуфтро чӣ тавр чоп кардан мумкин аст?
6. 5 нусхаи як саҳифаро баробар чоп кардан оё мумкин аст?
7. Бо кӯмаки чӣ гуна амалҳои пай дар пай ҳуҷҷатро дар намуди китобча чоп кардан мумкин аст? Нақл кунед.

## *МАШҚҲО*

1. Яке аз ҳуҷҷати поёниро дар 2 нусха чоп кунед:
   а) «Ватани ман – Ӯзбекистон»;
   б) «Оилаи ман» в) «Тарҷимаи ҳол».
2. Ҳуҷҷати дусаҳифагиро аз усули чопи дутарафа истифода бурда, ба ҳар ду тарафи варақ чоп кунед.
3. Барои такрор ва мустаҳкамкунии донишатон маълумотҳои дар давоми сол гирифтаатонро аз имконияти додаи барномаи Word дар намуди (ҷадвалҳо, намудҳои мухталифи матн, нақшҳо ва ҳоказо) истифода бурда, дар дафтаратон акс кунонед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Дарси 17

# СУПОРИШҲО БАРОИ ТАКРОР

Донишомӯзони мӯҳтарам! Дар давоми сол Шумоён корро дар протсессори матн омӯхтед, ки ниҳоят васеъ истифода мегардад. Акнун вақти санҷиши дониш ва малакаи амалиатон расид, ки дар тӯли сол ҳосил намудаед.

Ба саволҳои зерин ҷавоб гардонед:

1. Муҳаррири матн аз протсессори матн чӣ гуна фарқ дорад?
2. Кадом муҳаррирони матнро медонед?
3. Кадом протсессорҳои матнро медонед?
4. Протсессори матн чӣ гуна имконияҳоро молик аст?
5. Ҳуҷҷатро баъди таҳрир чӣ тавр маҳфуз доштан мумкин аст?
6. Таҳти мафҳуми «Блок» чиро мефаҳмед?
7. Қисми қайдшудаи матн чӣ  ном дорад?
8. Аломатҳои зиёдатии матнро чӣ тавр маҳв месозанд?
9. Чанд сатри матнро чӣ тавр маҳв кардан мумкин аст?
10. Кадом панели асбобҳо барои рангкунии қисми дохилии росткунҷа дар протсессори матни Word истифода мегардад?
11. Бо кадом амал қисми дохилии эллипс ва худудҳои онро дар протсессори матни Word ранг кардан мумкин аст?

Вазифаҳои зеринро ба иҷро расонед:

1. Ҷараёни кӯчондани ягон калима ва ё сатри матнро ба сатри дигар бо мисолҳо нишон диҳед.
2. Аз қисми қайдшудаи матн нусха бардоштанро бо мисолҳо нишон диҳед.
3. Форматикунонии қисми қайдшудаи матнро бо мисолҳо фаҳмонда диҳед.
4. Ҷиҳозонидани як девори хонаи компютериро дар ҳуҷҷат баробари истифодабарии имконияти Word акс кунонед.
5. Расмҳоро доир ба манзараҳои табиат кашед.
6. Аз имкониятҳои Word истифода бурда, чунин ҳуҷҷатро офаред:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Супориши 1.




Супориши 2.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУНДАРИЧА

Муқаддима ........ 3
Дарси 1. Муҳаррирони матн ........ 4
Дарси 2. Интерфейси протсессори матни MS Word ........ 8
Дарси 3. Тайёр кардан ва нигоҳ доштани ҳуҷҷат ........ 14
Дарси 4. Қоидаҳои матннависӣ дар Word ........ 19
Дарси 5. Параметрҳои асосии ҳуҷҷатҳо ........ 24
Дарси 6. Таҳрири ҳуҷҷатҳо ........ 30
Дарси 7. Форматикунонии ҳуҷҷат ........ 35
Дарси 8. Машқҳо оид ба таҳриру андозакунии ҳуҷҷатҳо ........ 40
Дарси 9. Кор бо расмҳои ҳуҷҷат ........ 42
Дарси 10. Шакл ва нақшаҳо дар ҳуҷҷатҳо ........ 48
Дарси 11. Машғулияти амалӣ оид ба расм ва нақшаҳо ........ 54
Дарси 12. Кор бо ҷадвалҳо дар ҳуҷҷатҳо ........ 55
Дарси 13. Амалҳои болои ҷадвал ........ 61
Дарси 14. Объектҳои WordART ........ 65
Дарси 15. Навиштани формулаҳо дар Word ........ 69
Дарси 16. Чопи ҳуҷҷат дар Word ........ 72
Дарси 17. Супоришҳо барои такрор ........ 76



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

I-74 **Информатика ва технологияҳои ахбор**. Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 6-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ /Б. Болтаев, М. Маҳкамов ва диг.) Нашри сеюм. Мутарҷим Ш. Турдиқулов. — Т: Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston» 2017. – 80 саҳ.

I. Болтаев Б.

ISBN 978-9943-01-445-9

**УӮК 004(075)**
**КБК 32.81я72**

*O‘quv nashri*

**Bahodir Boltayev, Muxtor Mahkamov,**

**Axat Azamatov, Sayyora Rahmonqulova**

# INFORMATIKA
# VA
# AXBOROT TEXNOLOGIYALARI

*Ta’lim tojik tilida olib boriladigan umumiy o‘rta ta’lim maktablarining 6-sinf o‘quvchilari uchun darslik*

*Qayta ishlangan, to‘ldirilgan uchinchi nashri*

Тарҷимон *Ш. Турдиқулов*
Муҳаррир *З. Файзуллоева*
Мусаввир *А. Султонов*
Муҳаррири бадеӣ *Ҳ. Қутлуқов*
Муҳаррири техникӣ *Б. Каримов*
Мусаҳҳеҳ *М. Қиронова*
Саҳифабанди компютерӣ *Ф. Ҳасанова*

Литсензияи нашриёт AI № 158. 14.08.09.
Ба чопаш 3 августи соли 2017 иҷозат дода шуд. Андозаи $70{\times}100^{1}/_{16}$.
Коғази офсетӣ, чопи офсетӣ. Гарнитураи «Tayms». Кегели 12.
Ҷузъи чопии шартӣ 6,50. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 6,43.
Адади нашр 6278 нусха. Супориши № 17-279.

Дар ХЭТН «O‘zbekiston» -и Оҷонсии матбуот ва ахборот Ӯзбекистон.
100011, Тошканд, кӯчаи Навоӣ 30 чоп шудаст.

Telefon: (371) 244-87-55, 244-87-20. Faks: (371) 244-37-81, 244-38-10.
*e-mail: uzbekistan@iptd-uzbekistan.uz,*
www.*iptd-uzbekistan.uz*

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |

## Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| Хуб | Муқоваaш яклухт, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гаштааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайриқаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайри қаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст, китобро барқарор карда намешавад. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

I-74 **Информатика ва технологияҳои ахбор**. Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 6-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ /Б. Болтаев, М. Маҳкамов ва диг.) Нашри сеюм. Мутарҷим Ш. Турдиқулов. — Т: Хонаи эҷодии табъу нашри «O'zbekiston» 2017. – 80 саҳ.

I. Болтаев Б.

ISBN 978-9943-01-445-9

**УӮК 004(075)**
**КБК 32.81я72**

*O'quv nashri*

**Bahodir Boltayev, Muxtor Mahkamov ,**

**Axat Azamatov, Sayyora Rahmonqulova**

# INFORMATIKA
# VA
# AXBOROT TEXNOLOGIYALARI

*Ta'lim tojik tilida olib boriladigan umumiy o'rta ta'lim maktablarining 6-sinf o'quvchilari uchun darslik*

*Qayta ishlangan, to'ldirilgan uchinchi nashri*

Тарҷимон *Ш. Турдиқулов*
Муҳаррир *З. Файзуллоева*
Мусаввир *А. Султонов*
Муҳаррири бадеӣ *Ҳ. Қутлуқов*
Муҳаррири техникӣ *Б. Каримов*
Мусаҳҳеҳ *М. Қиронова*
Саҳифабанди компютерӣ *Ф. Ҳасанова*

Литсензияи нашриёт AI № 158. 14.08.09.
Ба чопаш 3 августи соли 2017 иҷозат дода шуд. Андозаи $70{\times}100^1/_{16}$.
Коғази офсетӣ, чопи офсетӣ. Гарнитураи «Tayms». Кегели 12.
Ҷузъи чопии шартӣ 6,50. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 6,43.
Адади нашр 896 нусха. Супориши № 17-280.

Дар ХЭТН «O'zbekiston» -и Оҷонсии матбуот ва ахборот Ӯзбекистон.
100011, Тошканд, кӯчаи Навоӣ 30 чоп шудаст.

Telefon: (371) 244-87-55, 244-87-20. Faks: (371) 244-37-81, 244-38-10.
*e-mail: uzbekistan@iptd-uzbekistan.uz,*
*www.iptd-uzbekistan.uz*

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE